Ман ҳеҷ гоҳ надидаам, ки Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар хандидан зиёдаравӣ кунад, (ва даҳонаш боз бимонад) ки даруни даҳонаш намоён шавад, балки ҳангоми хандидан фақат табассум мекард

Аз Оиша Модари муъминон (разияллоҳу анҳо) ривоят аст, ки гуфт: Ман ҳеҷ гоҳ надидаам, ки Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар хандидан зиёдаравӣ кунад, (ва даҳонаш боз бимонад) ки даруни даҳонаш намоён шавад, балки ҳангоми хандидан фақат табассум мекард.
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Оиша (разияллоҳу анҳо) хабар додааст, ки Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳеҷ гоҳ дар хандидан ба андозае муболиға накарданд, ки забонаки даруни даҳонашон (гӯштпорае, ки дар қафои даҳон овезон аст) дида шавад, балки Ӯ танҳо табассум мекард.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3060